# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Норматов Шавкат Каримович дар мавзӯи «Асосҳои педагогии таълими хонандагони болаёқат аз фанни технологияи иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ).**

Норматов Шавкат Каримович факултаи ҳуқушиносии Донишгоҳи словянии Тоҷикистону Россияро соли 2011 бо ихтисоси «ҳуқуқшинос» хатм намудааст. Муҳаққиқ Норматов Ш.К. дар солҳои 2004-2008 ба сифати ташкилотчии корҳои оммавии Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе ва ва солҳои 2006-2010 дар муассисаҳои таҳсилоти умумии №№60,86 ва 67-и шаҳри Душанбе ҳамчун омӯзгор фаъолият намудааст.

Аз соли 2010 то 2011 ба ҳайси муовини директори Муассисаи давлатии "Маркази рушди истеъдодҳои шаҳри Душанбе" кор кардааст.

Аз соли 2011 - директори Муассисаи давлатии "Маркази технологияи информатсионӣ ва коммуникатсияи назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе" мебошад.

Дар муддати фаъолияти корӣ дар Муассисаи давлатии "Маркази технологияи информатсионӣ ва коммуникатсияи назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе" Норматов Ш.К. худро ҳамчун роҳбар ва мутахассиси донишманд, масъулиятнок ва бофаросат дар соҳаи тадқиқи масъалаҳои вобаста ба омӯзишу парвариш, истифодаи технологияи иттилоотӣ дар таҳсилот ва умуман педагогика нишон додааст.

Махсусан истеъдоду маҳорати ӯ дар тадқиқи масъалаҳои вобаста ба ткмили таълими фанни технологияи иттилотӣ, рушди муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дар раванди муосири ислоҳоти соҳаи таҳсилот ва маориф, истифодаи методҳои инноватсионии таълим (интерактивӣ) зимни таълими фанну предметҳо сазовори ситоиш ва таҳсин мебошанд. Дар муддати фаъолияти корӣ, ки ӯ бар иловаи роҳбарии муассиса аз фанҳои «Ҳуқуқи инсон», «Асосҳои технологияи иттилоотӣ», «Педагогика ва психология» дарс медиҳад, дарсу машғулиятҳо натиҷаю самараи хуб ба бор овардаанд.

Қобили тазаккур аст, ки тадқиқоти диссертатсионии Норматов Ш.К. ҳанӯз аз солҳои нахусти кору фаъолияти таълимиаш зимни хондани маърузаҳо ва гузаронидани машғулиятҳои амалӣ аз фанҳои мазкур дар асосу заминаи мисолу намунаҳо сурат мегиранд, ки баъдан заминаи тадқиқоти диссертатсионии ӯро ташкил кардаанд.

Муҳимияти мавзӯи диссертатсия вобаста ба он аст, дар солҳои охир аз ҷониби давлат, олимон ва мутахассисони соҳаи маориф ба таҳсилоти иловагии хонандагони болаёқат, махсусан аз фанни технологияҳои иттилоотӣ эътибори зиёд дода мешавад.

Омили муҳими баланд бардоштани таваҷҷуҳ ба таҳсилоти иловагии хонандагони болаёқат аз фанни технологияҳои иттилоотӣ компютерикунонии глобалии тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон мебошад, зеро саривақт омода намудани одамон ба шароити нави таълиму тадрис ва фаъолияти касбӣ дар муҳити иттилоотонии ҷомеа яке аз мушкилоти ҷаҳонии низоми маориф мебошад. Бунёди ҷомеаи саноатии муосир дар системаи таҳсилот ва соҳаи илми технологияҳои иттилоотӣ, аз ҷумла системаи таҳсилоти иловагӣ, ғояҳои навинро талаб менамояд.

Дар Стандарти давлатии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз фанни «Технологияи информатсионӣ» барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, фанни технологияҳои иттилоотӣ ҳамчун курси сохторӣ эътироф шудааст, ки дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии муосири хонандагон ва омодагии онҳо ба ҳаёт дар ҷомеаи иттилоотӣ накши муҳим дорад. Илова бар ин, дар Барномаи таълими фанни технологияи иттилоотӣ барои синфҳои аз 1 то 11-и муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳо барои татбиқи давраи фанни технологияҳои иттилоотӣ мутобиқ ба сохтори семарҳилавии он оварда шудааст. Чунин муносибат ба фанни технологияҳои иттилоотӣ дар мундариҷаи омӯзиши ин фан дар муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ва ҳам дар низоми таҳсилоти иловагӣ бархӯрдҳои навро ба вуҷуд овардааст. Ин ҳам яке аз омилҳои муайянкунандаи зарурати зиёд гардидани таваҷҷуҳ ба низоми таълими иловагии хонандагони болаёқат аз фанни технологияҳои иттилоотӣ мебошад.

Бояд қайд кард, ки айни замон дар ҷумҳурӣ ягон таҳқиқоте, ки дар он масъалаҳои такмили методикаи таълими хонандагони болаёқат аз фанни технологияи иттилоотӣ дар низоми таҳсилоти иловагӣ таҳлил шуда бошад, вуҷуд надорад. Ҳамин тавр, дар пасманзари таваҷҷуҳи давлат ба таҳсилот дар маҷмӯъ, рушди паҳлӯҳои гуногуни низоми таълими фанни технологияҳои иттилоотӣ дар муассисаҳои таълимӣ, масъалаҳои такмили методикаи таълими хонандагони болаёқат аз фанни технологияҳои иттилоотӣ дар системаи таҳсилоти иловагӣ дар таҳқиқоти илмӣ инъикос нагардиданд. Ҳамаи асосҳои дар боло овардашуда муҳим будани мавзӯи пажӯҳишро муайян мекунанд.

Нуқтаҳои асосӣ ва натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионии Норматов Ш.К. ҳамчунин барои ҳалли баъзе масъалаҳои таълими хонандагони болаёқат аз фанни технологияи иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ мусоидат карда метавонад.

Норматов Ш.К. зимни иҷроиши тадқиқоти диссертатсионӣ аз худ қобилияту тавонмандии мустақилона пеш бурдани омӯзиш ва ҷустуҷӯҳои амиқи назариявию амалӣ нишон дода тавонист. Тадқиқоти диссертатсионии мазкур барои ташаккули бархӯрди нав дар раванди таълими хонандагони болаёқат аз фанни технологияи иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ мусоидат карда метавонад ва натиҷаҳои санҷишу озмоиши тадқиқот дурустии нуқтаҳои асосии назариявии онро тасдиқ менамоянд.

Зимни иҷроиши тадқиқоти диссертатсионӣ Норматов Ш.К. худро ба тариқи мусбат нишон дода тавонист. Муҳаққиқ собит намуд, ки ӯ як тадқиқотчии бомулоҳиза ва пухтакор буда, минбаъд метавонад ба тариқи мустақилона ва мушаххас ҳадафу вазифаҳоро муайян намуда, натиҷаҳои дастрасшударо амиқан ва бошуурона дарку фаҳм намояд, натиҷаҳои дастрасшударо баррасӣ ва таҳлил намояд ва методҳои ба мақсад мувофиқро барои анҷом додани тадқиқот муайян кунад.

Баррасиҳои илмӣ-назариявӣ ва корҳои озмоишӣ-таҷрибавии гузаронидаи муҳаққиқ Норматов Ш.К. оид ба масъалаҳои дарёт ва шинохти хонандаи болаёқат, низоми таҳсилоти иловагӣ дар рушди қобилиятҳои кӯдакон, таълими фанни технологияи иттилоотӣ барои хонандагони болаёқат дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ва ташаккули фарҳанги иттилоотии хонандагони болаёқат дар 7 мақолаҳои илмии нашрнамудаи ӯ, аз ҷумла, 4 адад дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд. Муҳаққиқ Норматов Ш.К. дар якчанд конфронсҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии Филиали Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маорифи ш.Душанбе, ҳайати олимону омӯзгорони Маркази рушди истеъдодҳо ва Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе муваффақона аз доираи мавзӯи илмӣ-тадқиқотиаш бо маърӯзаҳо баромад намудааст (2015-2020).

Дар баробари анҷом додани кори илмӣ-тадқиқотиаш Норматов Ш.К. ба тариқи фаъолона ба корҳои омӯзишию парваришӣ бо мақсади такмилу афзоиши малака ва маҳоратҳои педагогии худ сафарбар шуда, худро ҳамчун омӯзгори муваффақ оид ба силсилаи фанҳои педагогика нишон додааст.

Дар маҷмӯъ муҳаққиқ Норматов Ш.К.-ро метавон ҳамчун мутахассиси илмӣ-педагогӣ арзёбӣ ва тавсиф кард, ки метавонад мустақилона ҳалли супоришу вазифаҳои гузошташударо иҷро намояд.

Ҳамчун роҳбари илмии муҳаққиқ тадқиқоти диссертатсионии Норматов Ш.К.-ро ба тариқи мусбат ва ҳамчун тадқиқоти пурра анҷомёфта арзёбӣ намуда, онро барои муҳокима ва дифоъ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) тавсия менамоям.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои педагогӣ,
академики Академияи
таҳсилоти ҶТ: Каримова И.Х.

Имзои д.и.п., академик Каримова И.Х.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори ШК ПРМ ба номи
А.Ҷомии АТТ: Саидова М.